Ба Шурои дисертатсионии 6Д.КОА.14
назди Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон (734067,
ш.Душанбе, к.Нахимов 64/14)

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Султонов Зубайдулло ба дисертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзуи “Мукаммалгардонӣ ва низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ” барои дарёфти дараҷаи илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07. молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати дисертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.**

Дисертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович, ки дар мавзуи “Мукаммалгардонӣ ва низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ” барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шурои дисертатсионии 6Д.КОА.14 назди Донишгоҳи давлатии молия ва Иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод шудааст, дар доираи шиносномаи ихтисоси 08.00.07. молия, муомилоти пулӣ ва қарз иҷро шуда, ба бандҳои 7.2. тамоюлоти ҳозиразамони ташкил ва амалкарди низоми суғурта ва бозори хадамоти суғуртавӣ; 7.2. Асосҳои назариявӣ ва методологияи пешгӯйӣ ва маниторинги рушди суғурта ва бозори хизматрасонии суғурта; 7.5. Рушди низоми суғурта ва бозори суғурта дар шароити кунунӣ; 10.1. Ташаккули системаи бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.5. Устувори системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он; 10.16. Системаи маниторинг ва пешгӯйикунии ташкилотҳои бонкӣ мувофиқат мебошад.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии** Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзуи “Мукаммалгардонӣ ва низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ” мувофиқ ба талаботи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллӣ фарогири молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат. Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2021-2026 ва нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқоии кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

Суғурта яке аз бахшҳои муҳимми бозори молия ва иқтисодиёти миллӣ буда, ҳимоягари суғуртавии молумулк ва сармоявии шаҳрвандон, соҳибкорон, давлат низоми бонкӣва умуман ҷамъиятӣ ва омили асосии ҷуброн кардани талафотҳо, барқарор кардани фаъолияти мунтазами субъектҳои соҳибкорӣ, амалиёти бонкӣ ва дар умум таъмини бемайлони такрористеҳсолкунӣ васеъ мебошад.

Мутаассифона, бозори суғурта ва суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ, шаҳрвандон ва дигар субъектони такрористеҳсолкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ рушд наёфтаанд, саҳми бозори суғурта дар маблағгузорӣ соҳаҳо ва бахшҳои иктисодӣ нокифоя, фарогирии шаҳрвандон ва соҳибкрон ба суғуртакунӣ дар сатҳи паст ва боварии аҳолӣ, суғурташавандагон ба ташкилотҳои суғуртавӣ нокифоя мебошад.

Таҳлили бозори муосири суғуртаи мамлакат ва хизматрасониҳои суғуртавӣ аз рӯи бисёр намудҳои суғурта ва хусусан суғуртаи хавфу хатарҳои бонкӣ пасандозҳои аҳолӣ, суғуртаи ихтиёрӣ нисбат ба бозорҳои суғуртаи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ хеле қафомонӣ дорад. Аз ин лиҳоз таҳлили ҳолати имрӯзаи бозори суғурта ва хизматрасониҳои суғуртавӣ, мукаммалгардонии низоми идоракунии хавфу хатарҳои бонкӣ саривақтӣ буда, мубрамияти мавзуи таҳқиқоти Султонов Мусулмон Субҳоновичро тасдиқ мекунад.

Илова бар ин, васеъ гардонидании суғуртакунии амалиёти бонкӣ, суғуртакунии пасандозҳои аҳолӣ аз ҷумла, хавфу хатарҳои бонкӣ имконият медҳад, ки доираи хизматрасониҳои бонкӣ васеъ карда шавад, амнияти иқтисодии суғурташавандагон таъмин шавад, боварии мизоҷон нисбат ба бонкҳо ва ташкилотҳои суғуртавӣ бештар гардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Навгониҳои илми таҳқиқоти Султонов Мусулмон Субҳонович натанҳо дар самти "Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ" ҳиссаи арзанда дорад, ҳамчун истифодабарии бонкӣ чандин тавсияю пешниҳодҳо оид ба такмил додани механизми идоракунии хавфу хатарҳои бонкӣ аҳамияти амалӣ доранд.

**Нуктаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ҳамчун навгониҳои илмӣ баррасӣ шудаанд, аз бандҳои зерин иборат мебошанд.**

- моҳияти назариявии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ таҳқиқ гардида, ақидаҳои муаллиф ҷиҳати такмили онҳо пешниҳод шуданд; ақидаи муаллиф оид ба назарияи суғуртаи хавфу хатарҳои бонкӣ «суғуртакунии хавфу хатар дар бонкҳои тиҷоратӣ сари вақт бартараф ва пешгирии эҳтимолияти ҳодисаҳои номатлуб, ки ба иҷрои вазифаҳои амалиётӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳо халал мерасонанд, мебошад » аниқ карда шуд.
- таснифоти суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ таҳқиқ карда шуда, усулҳои идоракунии он ба монанди диверсификатсия, лимитикунонӣ (маҳдудкунӣ), тақсимоти хавф, хеҷиронӣ, захиракунӣ ошкор карда шуданд. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои ИМА, Британияи Кабир, Италия, Аргентина, Фаронса, Португалия, Испания, Белгия, Германия, Канада,Россия, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Қазоқистон оид ба суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ ҷорӣ намудани намудҳои суғуртаи масъулияти топ-менеҷерҳои бонкҳо, суғуртаи қарзҳои ипотекӣ, суғуртаи пасандозҳо тавсия карда шуд.

- вазъи муосири суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси нишондиҳандаҳои сохтори тавозуни бонкҳои тиҷоратӣ, динамикаи ташкилотҳои суғурта, нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявии ҶСК «Бонки Эсхата», ҶСП «Спитамен бонк», иқтидори молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ, воридоти ҳаққи суғуртавӣ аз рӯйи шаклҳои суғурта, уҳдадориҳои ба зиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шуд;
- дар асоси таҳлили вазъияти имрӯза ва арзёбии суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ камбудӣ ва мушкилоти ҷойдошта аз ҷумла мавҷуд набудани омори боэътимод оид ба зиёни фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ на камтар аз 5 сол, сатҳи нокифояи пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавӣ, набудани ширкатҳои азнавсуғуртакунӣ, эътимоди пасти аҳолӣ ба ташкилотҳои суғурта, бехабарии аҳолӣ нисбати фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ, усулҳои костаи идоракунии суғуртаи хавфҳои бонкӣ, ҳамкории сусти байни бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ, мавҷуд набудани ташкилотҳои суғуртаи мутақобила, норасоии мутахассисони соҳаи суғурта ошкор гардида ва роҳҳои ҳалли он пешниҳод гардидааст;
- самтҳои афзалиятноки суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ муайян ва модели регресиионии арзёбии қарзҳои ипотекӣ таҳия, карда шуд;
- барои рушди минбаъдаи самараноки суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ бо дарназардошти иқтидор ва дурнамои онҳо стратегияи ҳамкории ташкилотҳои суғуртавӣ бо бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия карда шуд.

Диссертатсия аз муқадима, се боб, хулосаю пешниҳодҳо, руйхати адабиёт аз 193 номгуй 26 ҷадвал, 15 расм, 3 диаграма, дар ҳаҷми 172 саҳифаи чопӣ иборат мебошад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

Аҳамияти мустақили амалӣ дар таҳияи диссертатсия, ки ҳамчун нуктаҳои ҳимояшаванда мебошад, инҳоро дар бар мегиран.

1.Асосҳои назариявии суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, таърифи нави суғуртакунии хатарҳои бонкӣ пешниҳод карда шудааст;
2.Таснифоти суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ таҳқиқ карда шуда, усулҳои идоракунии он муайян ва дар асоси омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ истифодаи баъзе ҷанбаҳои мукаммалгардонии суғуртакунонӣ дар мамлакат пешниҳод гардидаанд;
3.Вазъи муосири суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ карда шуд;
4.Мушкилотҳои асосии бозори суғурта ва роҳҳои ҳалли он пешниҳод гардидаанд;
5.Самтҳои афзалиятноки суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ муайян ва модели регресиионии арзёбии қарзҳои ипотекӣ таҳия, карда шуд;
6.Стратегияи ҳамкории ташкилотҳои суғуртавӣ ва бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда** андешаҳои назариявӣ, хулосаву пешниҳодҳои мушахасси дар

диссертатсия овардашуда дар рушди густариши назариявии идоракунии хавфу хатарҳои бонкӣ саҳмгузор хоҳад шуд. Таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва таснифоти суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ, дақиқгардонии моҳияти иқтисодӣ- иҷтимоии “Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ” муайян ва асоснокунии усулҳои идоракуни ва паст намудани хавфу хатарҳои амалиёти алоҳидаи бонкӣ, пешниҳодҳо оид ба ҳалли мушкилоти ошкоркунии хавфу хатарҳо, ҳаҷми кофии маводҳо, дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии кори диссертатсионии Султонов Мусулмон Субҳонович нишон медиҳад.

**Аҳамияти илми амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Муқаррароти кори диссертатсионӣ барои васеъ намудани ҷанбаҳои методӣ, методологию илмии таҳқиқот дар самти “Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ” баландбардорӣ, эътимоднокӣ ва боварии шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидорӣ ба ташкилотҳои суғуртавӣ ва ташкилотҳои қарзию молиявӣ, фаъол намудан ва баланд бардоштани ҳиссаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар маблағгузории соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодии мамлакат саҳми арзанда мегузоранд.

**Аҳамияти амалӣ иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқот.**

Истифодабарии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаю тавсияҳо, чорабиниҳо дар диссертатсия пешниҳодшуда, ва роҳҳои “Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ” дар фаъолияти амалӣ дар ҳангоми суғуртакунии амалиёти бонкӣ ва роҳои паст намудани хатарҳои бонкӣ ва ҷуброни зарари шаҳрвандон ва соҳибкорон аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад.

**Нашри натиҷаҳои тиссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос намудаанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА эътирофшуда чоп карда шудаанд. Натиҷаҳои асоси диссертатсия дар конфронсҳои илмӣ амалии байналмилалӣ ҷумҳуриявӣ ва семинарҳо муҳокима шудааст.

**Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.**

Диссертатсия ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**Натиҷаҳои кор ҷанбаҳои мусбӣ ва норасогиҳо.**

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи татқиқоти мавзуъ, робитаҳои таҳқиқот бо барномаҳо, мақсад, вазифаҳо, объект, мавзуъ, марҳила, асоснокӣ, назариявӣ асосҳои методологӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот ва ғайра баррасӣ шудаанд.

Дар боби якум ҷанбаҳои назариявии суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ ва усулҳои идоракунии он, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа оид ба суғуртакунонии

хавфу хатарҳои бонкӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар параграфи якум пайдоиши суғурта, ақидаи олимон ва мактабҳои илмӣ оид ба суғурта, хавфҳои бонкӣ, намудҳои хатарҳои бонкӣ, захираҳои суғуртавӣ ва дигар паҳлуҳои илмӣ ва ташкилотҳои методологии "Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ" таҳқиқ шудаанд.

Дуруст қайд шудааст, ки дар айни замон масъалаи омӯзиши суғуртакунии хавфҳои бонкӣ натанҳо барои олимон ва мутахассисони соҳаи бонкӣ, балки барои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки аз хизматрасонии бонкҳо истифода мебаранд, аҳамияти муҳим дорад.Хафҳои бонкӣ аз рӯйи табиати худ як раванди иҷтимоӣ мебошанд, зеро маҳсулот ва хизматрасониҳои пешниҳодкардаи бонк бо пул алоқаманданд. Дар ҳолатҳои вазнин, бонкҳо на танҳо маблағҳои худ, балки аксар вакт маблағҳои қарзиро зери хатар мегузоранд. Бухронҳои бонкӣ бошад ба манфиатҳои доираи васеи мизоҷони сершумор, ки пули худро ба бонкҳо бовар карда буданд, таъсир мерасонад. Аз ин рӯ ба бухронҳои муйаян кардани хатарҳои эътимолӣ дар марҳилаи аввал ва суғурта кардани онҳо як ҷанбаи рӯзафзуни фаъолияти бонкӣ мегардад, зеро он яке аз роҳҳои самаранокии паст кардани хавфҳо дар бахши бонкӣ мебошад.

Дар параграфи дуюм алоқамандии хавфҳои бонкӣ бо суғурта асоснок шудааст, имконияти истифодаи суғуртаҳо дар раванди идоракунии хавфҳои бонкӣ ва гурӯҳбандии он баррасӣ шудааст. Гуфта шудааст, ки солҳои охир такмил ёфтани фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ зарурати бунёди системаи баҳодиҳӣ, назорат ва маъмурияти хавфҳои бонкиро ба миён овард. Дар айни замон, барои ҳар як мутахассиси соҳаи бонк мафҳуми хавф ба восита ё бевосита ба мафҳуми суғурта ба маънои суғуртаии хавфҳо алоқаманд мемонад.

Ба ақидаи муаллиф, таҳлили таснифҳои хавфҳои бонкӣ ва ташкили системаи суғуртаи онҳо имкон медиҳад, ки истифодаи хизматрасонии суғурта барои ҳимояи манфиатҳои қарзгирон дар шартномаҳо ва дигар муносибатҳои додугирифт, натанҳо дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, балки соҳаҳои дигар низ самаранок ба роҳ монда шавад. Муаалиф дар саҳифаи 32 бо назардошти афзудани хавфҳои барои суғуртакунундагон гурӯҳбандии шаклҳои зерини хавфҳои бонкиро пешниҳод кардааст, ки қобили қабул мебошад.

1. Хавфҳои ғайри қобили қабул, ки суғуртаи онҳо амалан ғайри имкон аст ва ё мувофиқи мақсад ҳисоб карда намешавад.
2. Хавфҳои мақсадноки қобили қабул, ки ҳимояи суғуртавии онҳо қисман имконпазир мебошад. Дар баробари ин, хавфҳои қисман қобили қабулро дар навбати худ ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст.

2.1. Хавфҳое, ки аз рӯйи тасавуроти умумии суғурта ва ё таҷрибаи ҷаҳонӣ қисман қобили қабуланд.

2.2. Хавфҳое, ки мувофиқи таҷрибаи амалии суғурта дар Тоҷикистон қисман қобили қабуланд.

Боби дуюми кори диссертатсионӣ ба таҳлили хусусиятҳои асосии суғуртакунонии хавфу хатароҳои бонкӣ, арзёбии суғуртакунонии хатарҳои бонкӣ, муайян намудани мушкилотҳои асосии суғуртакунонии хатарҳои бонкӣ, бахшила шудааст.

Дуруст гуфа шудааст, ки бонк ва ташкилотҳои суғуртавӣ ба ҳамкорӣ ҳавасманданд, зеро ин ҳамкорӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки воситаҳои пулии озоди ширкатҳои суғуртавиро ҷалб намоянд ва бо ҳамин роҳ худро аз ҳар гуна хавфҳои имконопазир ба қарздиҳӣ алоқаманд ҳимоя намоянд ва ҳамин тавр, суғуртаи бонкӣ рушди ояндаи худро ба даст меорад.

Ба ақидаи унвонҷӯй бонкҳои ватанӣ ду усули асосии мубориза ба хавфҳоро истифода мебаранд.

Якум бонкҳо бо мавҷудияти миқдори зиёди санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ аз қабили Қонуҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», "Дар бораи таърихи қарз (кредит)", инчунин Дастурамали №181 "Дар бораи талабот ба низоми идоракунии хавф, Дастурамали № 240"Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфи амалиётӣ дар ташкилотҳои қарзии молияви" инчунин дигар усулҳои таҳияшудаи БМТ дар шароити ба пайдо шудани нишонаҳои хатар дар бонкҳо хос аст.

Усули дуюми мубориза бо хавфҳои бонкӣ ташкил намудани захираҳо дар доираи Дастурамали №194 "Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд", ҳангоми талафоти эҳтимолӣ мебошад. Аммо ҳоло дар шароити ноустувори вазъи иқтисодӣ ва зарурати оптимизатсияи хавфҳои бонкӣ, бонкҳо ба истифода аз усули сеюм суғуртаи хавфҳои бонкӣ шурӯъ намуданд.

Дар параграфи дуюми боби дуюм, ки ба таҳлил ва арзёбии суғуртакунонии хатарҳои бонкӣ бахшида шудааст, (саҳ 74-87) нишондиҳандаҳои асосии иқтидори молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2017-19-2022, воридоти ҳаққи суғуртавӣ аз руи шаклҳои суғурта, уҳдадориҳои ба зиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ, хавфу хатарҳои қарзӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ, хатарҳои амлиётҳои бонкҳо, суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Параграфҳои сеюми боби дуюм ба муайян намудани мушкилотҳои суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ бахшида шудааст. Дар кор дуруст қайд шудааст, ки ҳар як ташклоти тиҷоратӣ мақсади ба даст овардани фоидаро дорад, ки субот аз эътимоднокии фаъолияти онро таъмин намуда, метавонад барои тавсеаи фаъолияташ истифода шавад. Аммо бонк барои ноил шудан ба фоидаи зиёд ба ҳама гуна хатарҳо алоқаманд аст, ки дар сурати мавҷуд набудани системаи идоракунӣ метавонад боиси талафоти назаррас гардад. Хавф дар ҳама гуна амалиёти бонкӣ мавҷуд аст, аммо он метавонад дар миқёси гуногун пешниҳод карда шавад. Ҳамин намудҳои хавфҳо бо ҳам алоқаманд буда, ба фаъолияти бонк таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, ҳар як бонк ҳангоми муайян кардани стратегияи гирифтани фоида, имкони пешгирии зиёдро дар ҷараёни фаъолияти худ ба инобат мегирад. Дар ин ҳолат муайян намудани мушкилотҳои суғуртакунии хатарҳои бонкӣ муҳим мебошад. Зеро муайян намудани мушкилот имкон медиҳад, ки гардиши пули нақд дар бонк мӯътадил гардад, сатҳи номуайянӣ кам карда шавад ва талафот дар ҳолати рух додани ҳодисаи номатлуб кам карда шавад, ки ин ҳолатро муаллиф дар расми 2.3 тасвир намудааст (саҳ 89). Ҳамчун мушкилотҳои асосии суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ муалиф сатҳи нокифоягии пардохпазирии ширкатҳои

суғуртавӣ, набудани ширкатҳои аз нав суғуртакунӣ, эътимоди пасти аҳолӣ ба ташкилотҳои суғурта, бехабари аҳолӣ нисбати фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ, истифодабарии усулҳои костаи идоракунии суғуртаи хавфҳои бонкӣ, ҳамкории сусти байни бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ, мавҷуд набудани ташкилотҳои суғуртаи мутақобила, норасоӣ мутахасисони соҳаи суғуртаро, номбар кардааст (саҳ 90-101).

Дар боби сеюм роҳҳои ҳалли мушкилоти ошкоршудаи суғуртакунии хатарҳои бонкӣ, интихоби самтҳои афзалиятноки суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ ва дурнамои он, роҳҳои такмилдиҳии ҳамкории ташкилотҳои суғуртавӣ бо бонкҳои тиҷоратӣ дар самти паст намудани хавфу хатарҳои бонкӣ баррасӣ шудаанд.

Дар параграфи якуми ин боб ҳалли мушкилот ҳамчун омили асосии рушди бемайлони бонкҳои тиҷоратӣ арзёбӣ шудааст, чунки онҳо бо баланд шудани сатҳи хизматрасонӣ аз ҳисоби кам шудани хатароҳо, мусоидат мекунад. Барои ҳалли қисми мушкилоти суғуртакунии хатарҳои бонкӣ, бонкҳо ва ташкилотҳои суғурта метавонад ҳамчун контрагент ва шарики ҳамгироӣ баромад намоянд. Дар ин замина баррасии раванди суғуртаи хатари бонкӣ бо нишон додани ҳадафҳо ва мушкилоти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои суғурта дар ҳарду шаклҳои асосии ҳамкорӣ ва муайян кардани он, ки арзиши суғурта чӣ гуна монеаи истифодаи он мегардад, муҳим аст.

Ташкили суғуртаи хатари бонкӣ бо назардошти ҳамкории бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ ба сифати контрагент, бо пайдарпаи муайян сохта шудааст, ки муаллиф онро дар расми 3.1. тасвир намудааст (саҳ 103). Қайд шудааст, ки бо чунин ҳамкорӣ ташкилоти суғуртавӣ барои кам намудани хатарҳои бонкӣ як қатор мушкилоти марбут ба эҳтимолияти хатогиҳо дар арзёбии сатҳи хавфҳо ва талафоти эҳтимолӣ ва пайдоиши онҳо ҳал мекунад. Инчунин, камбудии муҳҳими ташкили суғуртаи хавфҳои бонкӣ бо назардошти ҳамкории мутақобилаи бонкҳо ва суғуртакунандагон ҳамчун контрагент, вақти зиёд сарф кардани гуфтушунидҳо дар эҳтимолияти баланди қатъи онҳо дар ҳама гуна марҳила, ки барои ҳарду, ҳам бонк ва ташкилоти суғурта мебошад.

Параграфи дуюми боби сеюм бахшида шудааст ба интихоби самтҳои афзалиятноки суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ ва дурнамои он.

Даи ин зербоб муаллиф ҳамчун самти афзалиятнок бештар ба кортҳои бонкӣ таваҷҷуҳ крдааст. Гуфта шудааст, ки имрӯзҳо намуди зиёди кортҳои бонкӣ мавҷуданд, ки барои мизоҷони бонк ба воситаи онҳо музди меҳнат, стипендия, нафақа ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ анҷом дода мешаванд. Бо афзоиши маъруфияти кортҳои бонкӣ ҳодисаи қаллобӣ ва ҷиноятҳои зиёд шуда, зарурати ҷорӣ намудани намуди суғуртаи кортҳои бонкиро талаб менамояд. Аз маълумотҳои сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2022 дар ҷумҳурӣ аз ҷониби 21 ташкилоти қарзи молиявӣ 5,06 млн адад хортҳои пардохтии бонкӣ ба муомилот бароварда шудааст, ки нисбат ба соли 2018 2,8 маротиба зиёд мебошад, ки 71,2 фоизи онро корти миллӣ ташкил медиҳад.

Дар параграфи сеюми ин боб роҳҳои такмилдиҳии ҳамкории ташкилотҳои суғуртавӣ бо бонкҳои тиҷоратӣ дар самти паст намудани хавфу хатарҳои бонкӣ баррасӣ шудааст.

Дуруст қайд шудааст, ки дар шароити мавҷудияти бӯҳронҳои иқтисодӣ - молияви ҳамкории бонкҳои тиҷоратӣ бо ширкатҳои суғурта аҳамияти калон пайдо мекунад, зеро ин барои кам кардани хатарҳо ва амалӣ намудани фаъолияти муштараки сармоягузорӣ манфиатҳои мутақобила меорад. Дар шароити муосир суғуртаи бонкӣ як шакли ҳамкории бонкҳои тиҷоратӣ ва ширкатҳои суғурта тавассути фурӯши байнисоҳавии маҳсулоти бонкӣ ва суғурта тавассути филиалҳои бонкӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ мебошад. Ҳамин тариқ, ҳадафи ҳамкории бонкҳои тиҷоратӣ ва ширкатҳои суғурта ба даст овардани фоидаи тавассути пешниҳоди маҳсулоти нави молиявӣ, кам кардани арзиши транзаксияҳо ва хароҷоти иттилоотӣ, ҷалби муштариёни иловагӣ ва пурзӯр кардани назорат аз болои ҷараёни молиявии онҳо тавасути таҳлили амиқи маркетинг мебошад, ки муҳимтарин вазифаҳои рушди суғуртаи бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад(саҳ 133-134).

**Дар кори диссертатсия баъзе камбудиҳо ва норасогиҳо ҷой доранд.**

1. Дар зербанди аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ҷумлаи "Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки корҳои олимони маъруфи втанӣ ва хориҷӣ оид ба суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ дар бар мегирад" мантиқан нотамом ба назар мерасад (саҳ 9).

2. Дар параграфи сеюми боби якум таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа ба суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ таҳлил шудааст, ва таҷрибаи кадом давлат дақиқ ҷалбкунанда ва истифодабарии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад, хусусан суғуртакунии пасандозҳои аҳолӣ. Бо ақидаи мо камбудию норасогиҳои суғуртакунонии пасандозҳои аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мавриди таҳқиқ ва таҳлили алоҳида мешавад, чунки дар ин соҳаи суғуртакунонӣ проблемаҳои бисёр вуҷуд доранд.

3. Дар зербанди параграфи се, боби ду мушкилотҳои суғуртакунонии хатарҳои бонкӣ монанди сатҳи нокифояи пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавӣ, набудани ширкатҳои азнавсуғуртавӣ, эътимоди пасти аҳолӣ ба ташкилотҳои суғурта, усулҳои пасти идоракунии суғуртаи хавфҳои бонкӣ ва ғайра номбар шудаанд. Аммо сабабҳои пайдоиш ё ҷой доштани ин мушкилотҳо ба таври кофӣ таҳлил нашудаанд.

4. Дар охири банди якуми боби се дар хулосаҳои банд принсипҳои ҳалли мушкилоти суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ номбар шудааст. Хуб мешуд, агар муаллиф принсипҳо ҳамчун зербанди алоҳида пурра таҳлилу таҳқиқ мекард.

5. Ному насаб ва корҳои илмии олимони ватанӣ, ки дар зербанди "Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ" номбар шудаанд, дар рӯйхати адабиёт нестанд.

Эроду дархостҳои зикршуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсиони Султонов Мусулмон Субҳоновичро коҳиш намедиханд, чунки онҳо баъзе баҳсталаб, дигаре тавсиявӣ мебошанд.

Дар кулли, диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ, тавсияҳои амалию методӣ дошта, мустақилияти унвонҷӯйро дар масъалаҳои мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилотҳо ва паст намудани хавфҳои

бонкӣро муаррифӣ намудаанд. Автореферат ва мақолаҳои илмии нашршуда мазмуни асосии таҳқиқотро дар худ инъикос намудааст.

Аз нигоҳи мазмуни илмӣ, мундариҷа ва шакли баён диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзуи "Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ" кори илмиву тахассусӣ буда, дар ҳалли муаммои илмӣ, ки аҳамияти муҳиму афзалиятнокро дар рушди бозори суғурта ва суғуртакунӣ доро аст, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муалифи он Султонов Мусулмон Субҳонович сазовори гирифтани дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия муомилоти пулли ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон **Султонов З.С.**

**Суроға**: ш. Душанбе, к. М.Турсунзода, 30.
**Почтаи электоронӣ: sulton@mail.ru**
**Тел: (992) 37221 – 35-50.**

Имзои профессор **З. Султоновро**
Тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДСРТ **Раҳимов А.А.**